Ба Шурои диссертатсиони 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои 11)

Тақриз

*ба автореферати диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар* мавзуи: «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ мубрам мебошад. Маҳз омӯзиши таърихи гузашта ва дар амал тадбиқ намудани натиҷаҳои илман асоснок ва муқтадир ба амнфиати давлат ва ҷомеа мебошад. Таърих ин худ оинаи зиндагӣ мебошад, ки дар он тамоми камбудиву норасоӣ ва пешравиву музаффариятҳо равшан аён аст. Бо ақлу хиради воло нигаристан ба ин оина шахсро ба роҳи рост ва суи бурдбориву музаффариятҳо роҳсипор менамояд.

Бояд иброз намуд, ки имрӯз дар фазои илми ҳуқуқшиносии кишвар вобаста ба омӯзиши масъалаҳои таърихӣ-хуқуқӣ, хосатан дар самти таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат як андоза холигӣ ҷой дорад. Ҳоло он ки дар тамоми ашъори бузургони илми форсу тоҷик паҳлуҳои фаровони таҳқиқ нагардида дар самти давлату давлатдорӣ ва адлу инсоф нуфҳуфтааст, ки омӯзиши онҳо метавонад ба ҷаҳониён аз азал давлатдору давлатсолор ва адолатпеша будани миллати тоҷикро ба далелҳои қотеъ ва раднопазир исбот созад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант ҷолиби диққат буда, он ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносии кишвар бахшида шудааст. Он барои пур намудани фазои холибудаи илми ҳуқуқшиносии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Аз таҳлили матни автореферат аён мегардад, ки муҳаққиқ нуктасанҷона кушиш намудааст, то ин ки бо далелҳои раднопазир ақидаҳои давлатӣ-хуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадониро рӯи кор орад. Омӯзиши паҳлуҳои гуногуни масъала, шумораи назарраси асарҳои илмии олимони дохил ва хориҷи кишвар, инчунин, нуктасанҷии

муҳаққиқ имконият фароҳам овардааст, ки мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот сарбаландона иҷро гарданд.

Диссертант масъаларо таҳқиқ намуда, ба маврид менависад, ки новобаста аз мушкилоти даврони зиндагии мутафаккир Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ӯ ба воқеият аз рӯи ақлу идрок назар мекард ва кӯшиш ба харҷ медод, ки бо таълифи асарҳои муқтадир ҳокимиятдорону шоҳонро ба адлу инсоф ва халқро бошад ба таҳаммулпазириву инсонгарӣ даъват намояд (саҳ. 14-15). Диссертант ҳаёту фаъолияти мутафаккир – Мир Сайид Алии Ҳамадониро моҳирона ба се давра тақсим намудааст, ки ҷолиби диққати илмӣ мебошад (саҳ.15).

Дар идомаи таҳқиқот андешаҳои мутафаккирро дар бобати ҷанбаи мусбат ва манфии ҳокимият баррасӣ намуда, менависад, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чун дигар мутафаккирони замон ҷонибдори давлати шоҳи-монархӣ буд. Зарурияти давлатро ӯ дар он медид, ки танҳо сарвари давлат метавонад онҳоро аз ҷабру зулми якдигар раҳонад ва ҳаёти ҷамъиятро танзиму мураттаб намояд. Ба ин кор танҳо шоҳи одил дастёб шуда метавонад. Ӯ дар афкори сиёсию иҷтимоии хеш аслан ба се рукни асосии ҷамъият – раият, давлат ва шоҳ диққат додааст. Диссертант менависад, ки мутафаккир қонун ва ахлоқро ҳамчун заминаи асосии муваффақияти султон, вазирон ва амалдорон медонад. Вай пешниҳод менамояд, ки масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқиву сиёсӣ бояд дар доираи се илм - фиқҳ, ахлоқ ва сиёсат баррасӣ ва амалӣ гарданд (саҳ. 16-17). Албатта дарёфт ва пешниҳод намудани чунин андешаҳои созгор дорои баҳои баланди илмӣ мебошад.

Гузашта аз ин, диссертант ба ақидаҳои мутафаккир, ки бисёр ҷанбаҳои муҳимми диниву дунявӣ доранд эҳтиёткорона аз нигоҳи илмӣ баҳо додааст. Аз суханони мутафаккир менависад, ки аз ҷониби давлатдорон «... раҳмати халқ бояд ба ҷо оварда шавад ва онҳо адолатпеша бошанд, аз зулм парҳез карда, ба халқ ва гуфтаҳои хеш содиқ бошанд. Барои ба даст овардани саодати абадӣ бояд пешаи аслии ӯ некӣ кардан бошад, чун некӣ оромӣ ва пояи саодат аст. Дар сурати ғайр «шақовату бадномӣ» ва «гирифтории абадӣ» ҳамсафари абадии чунин султон хоҳад буд (саҳ. 18).

Диссертант хулосабарорӣ менамояд, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар афкори сиёсӣ- ҳуқуқии худ, асосан, ба се рукни асосии ҷамъиятӣ – шоҳ, раият ва давлат, диққати ҷиддӣ дода, ақидаҳои худро ба шаклҳои мухталиф дар таълифоташ ҷой додааст. Ба қавли мутафаккир, дар ҷамъияти инсонӣ мавҷудияти шоҳ, раият ва давлат ҳукми зарурат бошад ҳам, вале тартиби зуҳур ва амали онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ

гуногун мебошанд. Ӯ раиятро нисбат ба шоҳу давлат рукни муҳимтар меҳисобад, чунки дар ҳаёти иҷтимоӣ нақши ҳалкунандаро иҷро менамояд (саҳ. 20).

Ҳамчунин, дар идомаи таҳқиқоти худ Ф.М. Калонзода дар асоси таҳлили илмӣ таълимоти ҳуқуқии Алии Ҳамадониро мухтасаран шарҳ дода, менависад, ки мутафаккир ба масъалаҳои ҳуқуқии замони худ рӯ оварда, дар доираи як низоми илмӣ се илми амалии даврони худ – ҳуқуқ (фиқҳ), ахлоқ ва сиёсатро бо ҳам муттаҳид сохта, дар доираи он тамоми масъалаҳоеро, ки хусусияти ҳуқуқӣ доранд, мавриди таҳлил қарор додааст. Алии Ҳамадонӣ оиларо ҳамчун муассисаи қадимӣ ва ниҳоди муҳимтарини иҷтимоӣ дониста, зарур мешуморад, то имрӯз бисёр арзишҳои худро дар доираи ҷомеаи анъанавӣ нигоҳ дорад. Ӯ ба асосгузорони оила – зану мард, мақоми аввал дода, онҳоро ҳамчун асос дар умури оиладорӣ интихоб намудааст (саҳ. 20-22).

Аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки сохтори рисола вобаста ба мақсад ва вазифа мебошад. Аз сохтори рисола бармеояд, ки он дар чаҳорчӯбаи пайдарҳамии мантиқӣ созмон ёфтааст ва барои ҳалли масъалаҳои муҳимми илмӣ мусоидат менамояд.

Он нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, илман асоснок буда, аз камолоти илмӣ-эҷодии муаллиф далолат медиҳанд.

Новобаста аз дастовардҳо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ ҷой доранд.

Бинобар маҳдуд будани ҳаҷми автореферат диссертант як андоза натавонистааст, ки иҷроиши мақсад ва вазифаи гузоштаашро дар самти баррасии вазъи ҳуқуқии раият дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба пуррагӣ баён созад, хосатан дар самти буст ҳуқуқҳои раият (саҳ. 19-20). Аз ин рӯ, диссертантро зарур аст, ки ҳангоми ҳимояи ошкоро оид ба масъалаи мазкур натиҷаҳои ба даст омада ва андешаҳои худро, ки дар матни диссертатсия метавонанд ҷой дошат бошанд иброз намояд.

Эроди мазкур, ба мазмуни мусбии таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири манфӣ намерасонад.

Аз таҳлили автореферати диссертатсия метавон хулоса намуд, ки мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи: «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ», ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки

бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд ва муаллифи он, арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Сардори факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мансурзода А.М.

Ихтисос: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

Имзои «Мансурзода А.М.»-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

Суроға: 734024, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3,
тел: +992 (37) 226-60-42, . Моб.: +992 918 40-07-11 Суроғаи электронӣ: www.avkd.tj; E-mail: tam300986@mail.ru

03.09.2025